# Тафсироти КТҲМБ 21
# *“Пардохтҳои ҳатмӣ”*

## Истинодҳо

- СББМ 1 “*Пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ”;*
- СББМ 8 “*Сиёсати баҳисобгирӣ, тағйирот дар арзёбии муҳосибӣ ва хатоҳо”;*
- СББМ 12 “*Андоз аз даромад”;*
- СББМ 20 “*Баҳисобгирии грантҳои давлатӣ ва ифшои маълумот дар бораи кумаки давлатӣ”;*
- СББМ 24 “*Ифшои маълумот дар бораи тарафҳои алоқаманд”;*
- СББМ 34 “*Ҳисоботи молиявии фосилавӣ”;*
- СББМ 37 “*Уҳдадориҳои арзёбишаванда, уҳдадориҳои шартӣ ва дороиҳои шартӣ”;*
- Тафсироти КТҲМБ 6 “*Уҳдадориҳое, ки дар натиҷаи робита бо фаъолият дар бозори махсус ба вуҷуд омадаанд - Таҷҳизоти электронӣ ва барқии дорои муҳлати истифодаи ниҳоӣ”.*

## Маълумоти ибтидоӣ

1 Ҳукумат метавонад барои корхона пардохтҳои ҳатмиро муқаррар намояд. Дар Кумитаи тафсироти СБҲМ дархостҳо ҷиҳати пешниҳоди дастури баҳисобгирии пардохтҳои ҳатмӣ дар ҳисоботи молиявии корхонае, ки пардохткунанда маҳсуб меёбад, қабул гардидааст. Мавзуъ аз муқаррар намудани эътирофи уҳдадории пардохти ҳатмӣ иборат мебошад, ки он тибқи СББМ 37 *«Уҳдадориҳои арзёбишаванда, уҳдадориҳои шартӣ ва дороиҳои шартӣ»* дар мавриди баҳисобгирӣ пешниҳод мегардад.

## Доираи татбиқ

2 Тафсироти мазкур тартиби баҳисобгирии уҳдадории пардохти ҳатмиро баррасӣ менамояд, агар чунин уҳдадорӣ ба доираи татбиқоти СББМ 37 ворид гардад. Тафсироти мазкур инчунин тартиби баҳисобгирии уҳдадории пардохти ҳатмиро баррасӣ менамояд, агар муҳлат ва маблағи он муайян бошад.

3 Тафсироти мазкур тартиби баҳисобгирии хароҷотро, ки тавассути эътирофи уҳдадории пардохти ҳатмӣ қайду шарт шудааст, баррасӣ намекунад. Корхона бояд дигар СБҲМ-ҳоро истифода барад, то муайян намояд, ки оё эътирофи уҳдадории пардохти ҳатмӣ боиси ба вуҷуд омадани дороиҳо ё хароҷот мегардад.

4 Барои мақсадҳои тафсироти мазкур таҳти пардохти ҳатмӣ хориҷшавии захираҳои молию моддие фаҳмида мешавад, ки дорои манфиатҳои иқтисодӣ буда, тавассути ҳукумат, тибқи қонунгузорӣ (яъне қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ) нисбат ба корхона гузошта мешавад, вале маҳсуб намеёбад:

(а) хориҷшавии захираҳои молию моддӣ, ки ба доираи татбиқи дигар СБҲМ-ҳо ворид мешавад (масалан дар қисмати андоз аз даромад, ки ба доираи СБҲМ 12 *«Андоз аз даромад»* дохил мегардад); ва

(б) ҷарима ё ҷазои дигар, ки барои вайрон намудани қонунгузорӣ таъйин карда мешавад.

Зери “ҳукумат” ҳукумат, муассисаҳои давлатӣ ва мақомоти ҳаммонанд, ҳам маҳалӣ ва ҳам милливу байналмилалӣ фаҳмида мешавад.

5 Пардохте, ки корхона барои дороиҳои бадастовардашуда ё барои хизматрасонӣ тибқи шартнома бо ҳукумат анҷом медиҳад, ба муқаррароти пардохти ҳатмӣ мувофиқат намекунад.

6 Корхона уҳдадор намебошад, ки тафсироти мазкурро нисбат ба уҳдадориҳое, ки дар робита бо низоми савдои партовҳо ба вуҷуд меоянд, татбиқ намояд.

## Мавзуъ

7 Бо мақади тавзеҳоти тартиби баҳисобгирии уҳдадории пардохти ҳатмӣ, дар Тафсироти мазкур масъалаҳои зерин баррасӣ мегарданд:

(а) кадом рӯйдоди уҳдадоркунанда боиси эътирофи уҳдадории пардохти ҳатмӣ мегардад?

(б) оё зарурати иқтисодии идомаи фаъолият дар давраи оянда уҳдадории тибқи амалия қайду шартшударо барои пардохти ҳатмӣ эҷод менамояд, ки вобаста ба анҷоми фаъолият дар давраи оянда ба вуҷуд ояд?

(в) оё фарзия дар бораи бетанаффусии фаъолият дар корхона мавҷуд будани уҳдадориро дар робита ба пардохти ҳатмӣ ифода менамояд, ки вобаста ба анҷоми фаъолият дар давраи оянда ба вуҷуд меояд?

(г) оё эътирофи уҳдадории пардохти ҳатмӣ бояд ҳамзамон ё дар баъзе маврид, тадриҷан, дар муддати муайян сурат гирад?

(ғ) кадом рӯйдоди уҳдадоркунанда боиси эътирофи уҳдадории пардохти ҳатмӣ гардида, дар натиҷаи ноил гардидан ба нуктаи аввали ҳадди ниҳоӣ ба вуҷуд меояд?

(д) оё принсипҳои эътирофи уҳдадории пардохти ҳатмӣ дар ҳисоботи солона ва ҳисоботи молиявии фосилавӣ якхелаанд?

## Тавофуқ (Консенсус)

8 Рӯйдоди уҳдадоркунанда, ки боиси эътирофи уҳдадории пардохти ҳатмӣ мегардад, фаъолияте мебошад, ки дар натиҷаи он тибқи қонунгузорӣ уҳдадории пардохти ҳатмӣ ба миён меояд. Масалан, агар фаъолияте, ки бар асари анҷом додани он уҳдадории пардохти ҳатмӣ ба вуҷуд омада, гирифтани даромадро дар давраи ҷорӣ ифода намояд ва ҳисоббаробарии чунин пардохти ҳатмӣ бо даромади дар давраи қаблӣ гирифташуда асос ёфта бошад, рӯйдоди уҳдадоркунанда барои чунин пардохти ҳатмӣ ин гирифтани даромад дар давраи ҷорӣ ба ҳисоб меравад. Гирифтани даромад дар давраи қаблӣ шарти зарурӣ, вале нокифоя барои ба вуҷуд омадани уҳдадории мавҷуда мебошад.

9 Зарурати иқтисодии идомаи фаъолияти корхона дар давраи оянда нисбати ба вуҷуд омадани уҳдадории тибқи амалия қайду шартшуда барои чунин корхона дар робита бо пардохти ҳатмие, ки вобаста ба фаъолият дар чунин давраи оянда ба вуҷуд меояд, боис намегардад.

10 Тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ дар асоси фарзия дар бораи бетанаффусии фаъолият маънои онро надорад, ки корхона дар робита бо пардохти ҳатмӣ дорои уҳдадорӣ дар натиҷаи анҷом додани фаъолият дар давраи оянда мебошад.

11 Уҳдадории пардохти ҳатмӣ тадриҷан эътироф карда мешавад, агар рӯйдоди уҳдадоркунанда дар муддати замони муайян ба вуқӯъ ояд (яъне, агар фаъолияте, ки тибқи қонунгузорӣ бар асари он уҳдадории пардохти ҳатмӣ ба вуҷуд меояд, дар тӯли як давраи муайян амалӣ гардида бошад). Масалан, агар рӯйдоди уҳдадоркунанда гирифтани даромад дар муддати давраи вақт бошад, уҳдадории дахлдор хамчун гирифтани чунин даромад эътироф карда мешавад.

12 Агар уҳдадорӣ дар робита ба пардохти ҳатмӣ дар натиҷаи ноил гардидан ба нуқтаи аввали ҳадди ниҳоии фаъолият ба вуҷуд ояд, баҳисобгирии уҳдадории бо чунин уҳдадорӣ қайду шартшуда бояд бо принсипҳои дар бандҳои 8-14-и тафсироти мазкур муқарраршуда (аз ҷумла, бандҳои 8 ва 11) мувофиқат намояд. Масалан, агар рӯйдоди уҳдадоркунанда ноил гардидан ба нуктаи аввали ҳадди ниҳоии фаъолият маҳсуб ёбад (масалан, бузургии ҳадди ақали даромади гирифташуда ё фурӯши анҷомёфта ё миқдори ҳадди ақали маҳсулоти истеҳсолшуда), уҳдадории дахлдор ҳангоми ноил гардидан ба нуктаи аввали ҳадди ниҳоӣ эътироф карда мешавад.

13 Дар ҳисоботи молиявии фосилавӣ корхона ҳамон принсипҳои эътирофро истифода мебарад, ки дар ҳисоботи молиявии солона татбиқ гардидаанд. Бар асари ин дар ҳисоботи молиявии фосилавӣ уҳдадории пардохти ҳатмӣ:

(а) дар ҳолати мавҷуд набудани уҳдадории пардохти он дар охири давраи ҳисоботии фосилавӣ набояд эътироф карда шавад; ва

(б) ҳангоми мавҷуд будани уҳдадории пардохти он дар охири давраи ҳисоботии фосилавӣ бояд эътироф карда шавад.

14 Корхона бояд дороиро эътироф намояд, агар он пардохти ҳатмиро тавассути пешпардохт дар сурати мавҷуд набудани уҳдадории дахлдор вобаста ба пардохти он анҷом дода бошад.

 © Фонди СБҲМ

## Замимаи А
## Санаи эътибор пайдо намудан ва муқаррароти интиқолӣ

*Замимаи мазкур қисми ҷудонопазири тафсироти зерин буда, ҳамчун дигар таркиботи ин тафсирот дорои ҳамон гуна қувваи эътибор мебошад.*

А1 Корхона бояд тафсироти мазкурро барои даврае, ки аз 1 январи соли 2014 ё пас аз ин сана оғоз мешаванд, татбиқ намояд. Татбиқи пеш аз муҳлат иҷозат дода мешавад. Агар корхона ин тафсиротро нисбат ба давраи пештар татбиқ намояд, пас бояд чунин далелро ифшо намояд.

А2 Тағйирот дар сиёсати баҳисобгирӣ, ки тавассути татбиқи аввалини тафсироти мазкур қайду шарт гардидааст, бояд тибқи СББМ 8 "*Сиёсати баҳисобгирӣ, тағйирот дар арзёбии муҳосибӣ ва хатоҳо*" ба таври ояндабинии дур ба инобат гирифта шавад.